# Тафсироти КТҲМБ 19
# *“Ҷуброни уҳдадориҳои молиявӣ тавассути воситаҳои ҳиссагузорӣ”*

## Истинодҳо

- *Консепсияи омода ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ*[1]
- СБҲМ 2 *“Пардохт дар асоси саҳм”;*
- СБҲМ 3 “*Муттаҳидсозии тиҷорат”;*
- СБҲМ 9 “*Воситаҳои молиявӣ”;*
- СБҲМ 13 “*Арзёбии арзиши одилона”;*
- СББМ 1 “*Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ”;*
- СББМ 8 “*Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирот дар арзёбии муҳосибӣ ва хатоҳо”;*
- СББМ 32 “*Воситаҳои молиявӣ: пешниҳод”.*

## Маълумоти ибтидоӣ

1 Ҳолате метавонад ҷой дошта бошад, ки вақте дебитор ва кредитор шартҳои уҳдадориҳои молиявиро аз нав дида мебароянд, ки дар натиҷа уҳдадорӣ аз ҳисоби аз ҷониби дебитор ба фоидаи кредитор баровардани воситаҳои ҳиссавӣ, пурра ё қисман пардохта (баргардонида) мешавад. Чунин амалиёт ҳамчун амалиёти «ивази уҳдадориҳои қарзӣ ба воситаҳои ҳиссавӣ» маъмул аст. Ба КТҲМБ дархост дар бораи тафсир намудани тартиби баҳисобгирии чунин амалиёт ворид гардидааст.

## Доираи татбиқ

2 Тафсироти мазкур тартиби баҳисобгирӣ, ки ҳангоми мавҷуд будани шартҳои аз нав дида баромадани уҳдадориҳои молиявӣ аз ҷониби корхона истифода мегардад, баррасӣ менамояд, ки дар натиҷа корхона бароriши воситаҳои ҳиссавиро ба манфиати кредитори худ, бо мақсади пардохти (баргардонидани) пурра ё қисмани уҳдадориҳои молиявӣ, амалӣ менамояд. Тафсироти мазкур тартиби баҳисобгирии аз ҷониби кредитор истифодашавандаро баррасӣ намекунад.

3 Корхона ҳуқуқ надорад, ки Тафсироти мазкурро нисбат ба амалиёт дар ҳолатҳои зерин, татбиқ намояд:

(а) кредитор ба таври мустақим ё миёнарав саҳҳоми корхона ба ҳисоб равад ва ба ҳамин сифат амал намояд.

(б) ҳамон як тараф ё тарафҳо кредитор ва корхонаро, ҳам пеш аз амалиёт ва ҳам пас аз он, назорат менамоянд ва моҳиятан чунин амалиёт тақсимоти сармояи корхона ё гузоштани сармоя ба корхонаро пешбинӣ менамояд.

(в) пардохти уҳдадориҳои молиявӣ тавассути барориши саҳмияҳои оддӣ, тибқи шартҳои аввали ҳамин уҳдадории молиявӣ ба роҳ монда мешавад.

## Мавзуъ

4 Тафсироти мазкур мавзуъҳои зеринро баррасӣ менамояд:

(а) оё тибқи банди 41 СББМ 39 воситаҳои ҳиссавии аз ҷониби корхона бо мақсади пурра ё қисман пардохтани уҳдадориҳои молиявӣ баровардашуда «пардохти ҷуброн» маҳсуб меёбанд?

(б) бо кадом тартиб корхона бояд воситаҳои ҳиссавии бо мақсади пардохти чунин уҳдадориҳои молиявӣ баровардаашро аввалиндараҷа арзёбӣ намояд?

[1] Моҳи сентябри соли 2010 Шурои СБҲМ *«Консепсия»*-ро ба *«Асосҳои консептуалии ҳисоботи молиявӣ»* иваз намудааст.

(в) бо кадом тартиб корхона бояд дар баҳисобгирӣ фарқияти байни арзиши тавозунии уҳдадории молиявии пардохташуда ва арзёбии аввалияи воситаҳои ҳиссавии баровардашударо инъикос намояд?

## Тавофуқ (Консенсус)

5 Аз ҷониби корхона ба манфиати кредитор баровардани воситаҳои ҳиссавӣ бо мақсади пурра ё қисман пардохтани уҳдадориҳои молиявӣ – ҷуброни пардохташударо тибқи банди 41 СББМ 39 ифода менамояд. Корхона бояд аз ҳисоботи худ дар бораи ҳолати молиявӣ уҳдадории молиявиро (ё қисми уҳдадории молиявиро) танҳо ҳамон вақте, ки он тибқи банди 39 СББМ 39 пардохта шудааст, соқит намояд.

6 Ҳангоми эътирофи аввалияи воситаҳои ҳиссавӣ, ки ба манфиати кредитор бо мақсади пурра ё қисман пардохтани уҳдадориҳои молиявӣ бароварда шудааст, корхона бояд онҳоро аз рӯйи арзиши одилонаи воситаҳои ҳиссавии баровардашуда арзёбӣ намояд, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки арёзбии чунин арзиши одилона имконнопазир бошад.

7 Агар арёзбии арзиши одилонаи воситаҳои ҳиссавии баровардашуда имконнопазир бошад, пас ин воситаҳои ҳиссавӣ бояд чунин арзёбӣ гарданд, ки арзиши одилонаи уҳдадориҳои молиявии пардохташударо инъикос намоянд. Ҳангоми арёзбии арзиши одилонаи уҳдадориҳои молиявии пардохташуда, ки тибқи талаботи кредитор бояд пардохта шавад (масалан, амонат ё амонат то талабнамоӣ), банди 47 СБҲМ 13 татбиқ намегардад.

8 Агар танҳо қисми уҳдадориҳои молиявӣ пардохта шавад, пас корхона бояд арзёбӣ намояд, ки оё ҷуброни пардохташуда бо қисми шартҳои тағйирёфтаи уҳдадории боқимонда алоқамандӣ дорад ё надорад. Агар ҷуброни пардохташуда бо қисми шартҳои тағйирёфтаи уҳдадории боқимонда алоқаманд бошад, пас корхона бояд ҷуброни пардохташударо байни уҳдадории пардохташуда ва уҳдадории боқимонда тақсим намояд. Дар рафти амалӣ намудани чунин амалиёт корхона бояд омилҳо ва ҳолатҳои ҷойдоштаро, ки бо чунин амалиёт алоқаманд мебошад, ба эътибор гирад.

9 Фарқият байни арзиши тавозунии уҳдадории молиявии пардохташуда (ё қисми уҳдадории молиявии пардохташуда) ва бузургии ҷуброни пардохташуда тибқи банди 41 СББМ 39 бояд дар таркиби фоида ё зарар эътироф карда шавад. Воситаҳои ҳиссавии баровардашуда бояд ба санаи уҳдадории молиявии пардохташуда (ё қисми уҳдадории молиявии пардохташуда) аввалиндараҷа эътироф ва арзёбӣ карда шаванд.

10 Ҳангоме, ки танҳо қисми уҳдадории молиявӣ пардохта мешавад, ҷуброн тибқи банди 8 тақсим карда мешавад. Ҷуброни ба уҳдадории боқимонда тақсимшуда бояд ҳангоми арзёбии он, ки оё ба шартҳои уҳдадории боқимонда таъсири назаррас расонида шудааст ё нашудааст, ба эътибор гирифта шавад. Агар ба шартҳои уҳдадории боқимонда таъсири назаррас расонида шуда бошад, пас корхона бояд чунин тағйиротро дар баҳисобгирӣ ҳамчун ҷуброни уҳдадории аввалия инъикос намояд ва тибқи талаботи банди 40 СББМ 39 уҳдадории навро эътироф намояд.

11 Корхона бояд фоида ё зарари тибқи бандҳои 9 ва 10 эътирофшударо ҳамчун моддаи алоҳида дар таркиби фоида ё зарар ё тавзеҳот ифшо намояд.

## Санаи эътибор пайдо намудан ва муқаррароти интиқолӣ

12 Корхона бояд Тафсироти мазкурро нисбат ба давраҳое, ки аз 1 июли соли 2010 ё пас аз ин сана оғоз мешаванд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз муҳлат иҷозат дода мешавад. Агар корхона тафсироти мазкурро нисбат ба давраҳое, ки аз 1 июли соли 2010 оғоз мешаванд, татбиқ намояд, пас бояд чунин далелро ифшо намояд.

13 Корхона бояд тағйирот ба сиёсати баҳисобгириро тибқи СББМ 8, аз оғози санаи пештар аз давраҳои муқоисавии пешниҳодшуда, татбиқ намояд.

14 [Соқит шудааст].

15 Ба СБҲМ 13, ки моҳи майи соли 2011 нашр гардидааст, ба банди 7 тағйирот ворид гардидааст. Корхона бояд ислоҳоти зикршударо дар баробари татбиқи СБҲМ 13 мавриди татбиқ қарор диҳад.

16 [Соқит шудааст].

17 Ба СБҲМ 9, ки моҳи июли соли 2014 нашр гардидааст, ба бандҳои 4, 5, 7, 9 ва 10 тағйирот ворид гардида, бандҳои 14 ва 16 соқит шудаанд. Корхона бояд ислоҳоти зикршударо дар баробари татбиқи СБҲМ 9 мавриди татбиқ қарор диҳад.


© Фонди СБҲМ